*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(Суроға: кӯчаи Нахимов 64/14, Душанбе,*
*Тоҷикистон, 734067, почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқarrизи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас ба диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Муҳтаво ва муқаррароти асосии таҳқиқот бо бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050900 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): Қисми 1. Молия: бандҳои 1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 1.6. Ҷанбаҳои ниҳодии низоми молиявӣ; 1.7. Ҷанбаҳои инфрасохтории низоми молиявӣ; 2.29. Самаранокии низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ; 3.6. Молияи соҳаҳо; 3.7. Молияи субъектҳои шаклҳои гуногуни моликият мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Ҳарчанд иқтисодиёти Тоҷикистон солҳои охир тамоюли рушдро касб намудааст, мушкилоту масъалаҳои амалисозии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ нишон медиҳад, ки ҷанбаҳои молиявию иқтисодии ШДБХ дар бахшҳои иҷтимоӣ ва зерсохторҳои он ҳанӯз такмилталаб мебошад.

Имрӯз барои аксари минтақаҳои кишвар беҳтар кардани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин, истифодаи механизмҳои шарикии давлатӣ ва хусусӣ (ШДБХ) дар бахши иҷтимоӣ бештар ба ҷанбаҳои молиявӣ, аз ҷумла ҷалби сармояи хусусӣ, тақсими хатарҳо ва моделҳои мушаххаси маблағгузорӣ, ки барои беҳтар кардани самаранокии расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ равона шудаанд, вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, ҷанбаҳои асосии молиявии ШДБХ дар амалисозии лоиҳаҳои соҳаҳои хизматрасонию иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

ШДБХ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои муҳими иҷтимоӣ (масалан, сохтмони беморхонаву мактабҳо ва иншооти гуногуни иҷтимоию варзишӣ) саривақт маблағгузорӣ карда шавад. Дар акси ҳол, бинобар маҳдудияти имкониятҳои буҷетӣ дар шароити ҳозира эҳтимол амалисозии як қатор лоиҳаҳои муҳими иҷтимоӣ таъхир дода шавад.

Бо назардошти андешаҳои зикршуда интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон, ки меҳвари асосии онро омӯзиши ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии тадқиқот** дар масъалагузорӣ ва ҳалли вазифаҳои мушаххаси марбут ба интихоби механизмҳо ва маблағгузории лоиҳаҳои ШДБХ дар соҳаи иҷтимоӣ, инчунин муайян намудани самтҳои ташаккул ва рушди ин соҳа дар шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

**Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назариявӣ, методологӣ, методӣ ва амалии диссертатсия, ки дорои навовариҳои илмӣ мебошанд, пешниҳод карда шудаанд:**

1. Аз нигоҳи муаллиф дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявию илмии асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ мазмуни консептуалии мафҳуми

«шарикии давлат ва бахши хусусӣ» амиқ ва маънидод карда шудааст. Муаллиф мафҳуми ШДБХ-ро дар шароити муосир ҳамчун муҳаррики пешбарандаи соҳаи иҷтимоӣ арзёбӣ мекунад. Нишон дода шудааст, ки ин механизм имкон медиҳад, ки бо хароҷоти камтарини буҷетӣ хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути ҷалби шарикони хусусӣ рушд ёфта, сатҳи некуаҳволии аҳолӣ баланд бардошта шаванд. Исбот гардидааст, ки ШДБХ дар пайвастагӣ бо раванди ислоҳоти сохторӣ, дар пешбурди сиёсати муосири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии соҳаи иҷтимоӣ нақши калидиро касб менамояд (саҳ.14-42).

2. Дар диссертатсия хусусиятҳои хоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳқиқ гардида, муносибатҳои мутақобилаи шарикон аз нигоҳи нави сохтори ҳуқуқию иқтисодӣ ва бо таваҷҷуҳи хос ба мушкилоти рушди ин механизм дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ омӯхта шудаанд. Дар заминаи таҳлили назариявии ШДБХ ва бо назардошти вижагиҳои соҳаи иҷтимоӣ, як қатор шартҳои зарурӣ барои интихоби объектҳои шарикӣ муайян ва ошкор карда шудаанд. Ҳамзамон, самаранокии лоиҳаҳои ШДБХ дар бахши хизматрасониҳои иҷтимоӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, бартариятҳо, заифиҳо, имкониятҳо ва таҳдидҳои ин раванд (тавассути усули SWOT-таҳлил) мушаххас карда шудаанд (саҳ.43-76).

3. Муаллиф таҷрибаи байналмилалии рушди ШДБХ дар кишварҳои Аврупо, ИМА ва Федератсияи Русияро мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор дода, хусусиятҳо ва унсурҳои калидии он, ки барои давлатҳои рӯ ба инкишоф қобили татбиқ мебошанд, муайян кардааст. Инчунин, муҳити институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳлил гардида, ба масъалаҳои таҳкими иқтидори институтсионалии кишвар дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва баланд

бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатӣ диққати махсус зоҳир шудааст (саҳ. 90-119).

4. Ҳангоми таҳқиқ аҳамияту зарурияти қонуниятҳои ҳамкории мутақобилаи давлат ва бахши хусусӣ дар заминаи татбиқи навовариҳо (инноватсияҳо) дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ муайян карда шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, равиши консептуалӣ ба рушди ин шарикӣ пешниҳод ва самтҳои ояндадори такмили хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шудаанд, ки унсурҳои зеринро дарбар мегиранд (саҳ.120-145):

- муайян намудани заминаҳои бунёдии рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ;
- мушаххас сохтани самтҳои таъсири бевоситаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба сифати зиндагии аҳолӣ;
- ошкор намудани тамоюлҳои асосии рушди соҳаи мазкур дар шароити муосир;
- арзёбии таъсири технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ;
- рушди хизматрасониҳои электронӣ ва шабакавӣ дар доираи механизми ШДБХ.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Мақсади асосии таҳқиқот аз коркарди асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳо ҷиҳати таҳқиқи ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ иборат аст, ки он дар таъмини рушди стратегияи иқтисоди миллӣ таъсиргузор мебошад.

Аз ин ҷост, ки дар диссетатсия барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстрактсияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ,

алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғайраро истифода шудааст, ки асоснокӣ ва мӯътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро ҳангоми арзёбии ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар омодасозӣ ва амалисозии лоиҳаҳои шарикӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумлаи фаъолияти мураттаби соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илм, адабиёт, санъат ва варзиши ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир васеъ истифода шаванд.

Аҳамияти илмии таҳқиқот аз имкони татбиқи муқаррароти назариявии таҳияшуда, тавсияҳои методӣ ва амалии ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ иборат аст.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои ноил гашта аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия баён гардида, ба сатҳи таҳаввулоти назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ мусоидат намуда, ҳамзамон тамоюлҳои назариявии рушди самти молия ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир баррасӣ карда шудаанд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқотҳои оянда оид ба масоили ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар

соҳаи иҷтимоӣ мусоидат намоянд ва унсури таконбахши рушди иқтисодиёт муосир дар ҷумҳурӣ гарданд.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ ва илман асоснок карда шуда, барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи иҷтимоӣ дар самти рақобатпазирии бозори меҳнати ҷумҳурӣ равона гардидаанд.

Муаллиф асосҳои назариявию методии маблағгузории лоиҳаҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусиро дар соҳаи иҷтимоӣ ва механизми молиявии пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоиро таҳқиқ карда, шаклҳо ва моделҳои асосии маблағгузорӣ ва имкониятҳои истифодаи таҷрибаи хориҷии чунин шарикиро мустақилона баррасӣ намуда, оид ба самтҳои асосии маблағгузории хизматрасонии иҷтимоӣ ва такмили механизми ШДБХ дар ин соҳа хулосаҳои илман асоснок пешниҳод намудааст.

**Сохтори кори диссертатсионӣ.** Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 174 саҳифа оварда шудааст, ки он 3 диаграмма 24 ҷадвал ва 21 расмро дарбар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 186 номгӯй иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала ва робитаи тадқиқот бо барномаҳои илмӣ-давлатӣ асоснок карда шудаанд. Инчунин, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет ва фарзияи илмии тадқиқот муайян гардида, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии кор, интишороти муаллиф ва сохтору ҳаҷми рисола инъикос ёфтаанд.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои консептуалии маблағгузории равандҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ» ном дошта, дар он заминаҳои назариявию методологии маблағгузории ҳамкории сохторҳои давлатию хусусӣ дар бахши иҷтимоӣ таҳқиқ

шудаанд. Ҳамзамон, механизми молиявии пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти муосир, шаклҳо ва моделҳои асосии маблағгузории **ШДБХ** дар ин самт мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд (саҳ. 14-56).

Ҳангоми таҳқиқот муаллиф барҳақ зикр намудааст, ки рушди институти ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ яке аз усулҳои самараноки танзими сохтории иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Дар шароити гузариш аз иқтисодиёти саноатӣ ба иқтисоди инноватсионӣ, ки дар асоси техника ва технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад, барои дилхоҳ соҳа ҳамкориҳои ҳамаҷониба лозим мебошад (саҳ.29).

Дар диссертатсия қайд гадидааст, ки ШДБХ ҳамчун институти дорои аҳамияти иҷтимоӣ бо ҷалби захираҳои иловагӣ ба иқтисодиёт, идораи босамари хавфҳо тавасути ниҳодҳои давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби соҳибкорон барои беҳтарсозии вазъи иҷтимоии аҳолии мамлакат махсусияти хоса дорад. Аз таҷрибаи давлатҳои хориҷа пай бурдан мумкин аст, ки татбиқи лоиҳаҳо дар доираи шарикии давлат ва бахшҳои хусусӣ ба сарфаи назарраси маблағҳои буҷетӣ шароит фароҳам меорад (саҳ.44).

Муаллиф қайд менамояд, ки дар даҳсолаҳои охир таҷрибаи роҳу воситаҳои беҳтарсозии фазои иҷтимоию иқтисодии давлат собит намуд, ки барои расидан ба ҳадафҳои созандаи иҷтимоӣ таъмини самараноки равандҳои ҳамгироишудаи давлат бо бахши хуссӣ дар алоқаманди бо дастгириҳои мутақобила бояд дар шакли имконпазир роҳандозӣ гардида, сифати хизматрасониҳо ба таври рӯзафзун беҳтару хубтар карда шаванд (саҳ.56).

Бояд зикр намуд, ки дар **боби дуюми диссертатсия** «Таҳлили маблағгузории ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар иҷтимоиёт дар замони муосир» механизми молиявии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, инчунин ҷанбаҳои молиявии хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои

истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар самти маблағгузории лоиҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст (саҳ.57-104).

Қобили қайд аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии сокинони мамлакат соҳаи маориф нақши муҳим дорад. Аз ин хотир, таҳлили шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро зарур шуморида шудааст.

Муаллиф ҳангоми таҳлил маълум намудааст, ки дар соли таҳсили 2016-2017 шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 3637 нафарро ташкил дода, дар давоми соҳои 2022-2023 ба 6500 нафар ва ё ба андозаи 1,8 маротиба афзоиш ёфтааст (64).

Бояд тазаккур дод, ки соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи таҳавуллоти тағйироти назаррас ва рушди устуворро паси сар мекунад. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории комили ин соҳа маҳдуд буда, зарурати ҷалб ва истифодаи самараноки имконияту иқтидорҳои механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро тақозо менамояд (саҳ. 76).

Муайян карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои ШДБХ дар бахши хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам ба таври зарурӣ ва пурра истифода намешаванд. Аксари намояндагони бахши хусусӣ бо сабаби мавҷудияти хавфҳои баланди соҳавӣ, ки бо омилҳои субъективӣ ва объективӣ алоқаманданд, ба сармоягузории васеъ ҳавасманд намебошанд (саҳ. 90).

Таҷрибаи ду даҳсолаи охири Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ШДБХ воситаи самарабахши ҷалби сармояи иловагӣ ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Миқёс ва шаклҳои амалисозии ин шарикӣ дар кишвар таҳти таъсири маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ ташаккул меёбанд (саҳ. 103).

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Самтҳои асосии маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон» рушди муҳити

институтсионалию молиявӣ, роҳҳои маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ ва самтҳои асосии такмили механизми молиявии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 105-145).

Муайян карда шудааст, ки дар шароити муосир ташаккули муҳити институтсионалии мусоид барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар, яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, ба масъалаҳои таҳкими иқтидори институтсионалии ҷумҳурӣ дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ диққати махсус зоҳир шудааст (саҳ. 105).

Дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф зикр намудааст, ки барои рушди ояндаи ШДБХ дар хизматрасонии иҷтимоӣ, қабули барномаҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлати рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ нақши назаррас дорад. Ба воситаи барномаҳои мазкур, ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ барои иштирок дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ зиёд гардида, рушди ояндаи соҳаи мазкур таъмин хоҳад гашт(саҳ.115)

Ҷиҳати самаранок амалӣ намудани механизми ШДБХ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи заминаҳои ташаккул, омилҳои боздоранда ва мусоидаткунандаи рушди он зарур мебошад. Бояд қайд кард, ки айни замон дар адабиёти илмӣ низоми ягонаи ин нишондиҳандаҳо мавҷуд набуда, ҳар як муҳаққиқ вобаста ба дидгоҳи худ таснифоти мухталифро пешниҳод менамояд (саҳ. 124).

Дар шароити кунунӣ, ки соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди инноватсионӣ нигаронида шудаанд, аҳамияти иқтидори инноватсионии ташкилотҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба куллӣ меафзояд. Аз ин рӯ, барои пешрафти самарабахши шарикии давлат ва бахши хусусӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳибиқтидор,

ки технологияҳои муосир ва равишҳои инноватсиониро ба хубӣ медонанд, мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дорад (саҳ. 143).

Дар ин радиф, хулосаву тавсияҳои муаллиф аҳамияти хоси илмию амалиро доро мебошад..

**6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 12 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (7 мақола дар алоҳидагӣ) ва 10 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

7. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, мутобиқ ба талаботи забони илмӣ иҷро шудааст.

8. **Эроду тавсияҳо ва нуктаҳои баҳсталаб барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар расми 1.5. (саҳ.37) ШДБХ ва таъсири он нишон дода шудааст, аммо нуктаи назари муаллиф нокифоя тавзеҳ ёфтааст.

2. Ҳамзамон дар расми 1.9. (саҳ. 50) муаллиф хавфу хатарҳои эҳтимолӣ ШДБХ-ро бо таври хос баён кардааст, вале нақши онҳоро ба таври мукаммал инъикос накардааст.

3. Муаллиф дар саҳифаи 56 диссертатсия чунин мепиндорад, ки пас аз таҳлилу мушоҳидаҳо маълум гардид, ки се соҳаи ҳаётан муҳим дар замони тағийрёбии муносибатҳо дучори мушкилоту муаммоҳои ҳалталаб гардидаанд. Вале ба назар мерасад, ки ҷараёни таҳлил то ба охир мукаммал нагардида, андешаи муаллиф норавшан боқӣ мондааст.

4. Инчунин дар саҳ. 105. зикр гардидааст, ки дар шароити кунунии иқтисоди бозорӣ механизми ШДБХ дар хизматрасонии иҷтимоӣ метавонад ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ гардад. Агар бо истифода аз натиҷаҳои муваффақи амалисозии лоиҳаҳоии ШДБХ дар дохил ва хориҷи кишвар нуктаи назари муаллиф асоснок карда мешуд, арзиши диссертатсияи мазкур боз ҳам баландтар мегардид.

5. Дар диссертатсия самтҳои асосии такмили механизми молиявии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ мушаххас нишон дода нашудааст.

6. Дар диссертатсия як қатор хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо, эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи сифати илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавон аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**9.Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгуй буда, натиҷаҳои он дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили механизмҳои ШДБХ саҳми калон доранд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия

(6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди
миллии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷистон Муқаддасзода Ф.М.


Имзои **Муқаддасзода Ф.М.-** ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷистон Насруддинзода А.Н.


**Суроға:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Саид Носир, 33